# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи «Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди ҷаҳони минтақавӣ**

Муҳоҷират имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил гардида, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ба тараққиёти наборобари мамлакатҳои дунё вобаста аст, ки аҳолии мамлакатҳои сусттараққӣ рӯ ба мамлакатҳои тараққикарда меоранд. Омилҳои асоси ин зуҳурот дар ин аст: фарқияти калони сатҳи маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ мебошад.

Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар мамлакат мушоҳида кунем, бузургтарин ҷараён муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат бо кор қодир нест. Пас барои истифодаи нерӯи худ аҳолии кобили меҳнат ба бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ рӯ меорад.

Муаллиф кушиш кардааст, ки авзалияти муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия нисбати ба дигар кишварҳои пасошӯравӣ исбот намояд ва дар айни эамон камбудиҳои ҷиддие, ки муҳоҷирон ба он бар мехуранд омухта беҳтар намудани шароити давлат ва зиндагии шаҳрвандони Тоҷикистони дар хориҷ баъзе сабукиҳо пешнищод намодя. Аз ҷумла паст намудани маблағ барои иҷозаи кор (патент) ва зиёд намудани муҳлати иқомат дар Федератсияи Россия мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ боз дар он ифода мегардад, ки сабаби асосии тақвияти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ сатҳи пасти музди меҳнат дар бозори дохилӣ нисбат ба бозори меҳнатии хориҷӣ мебошад. Дар ин ҷо омилҳои иқтисодӣ таъсири аввалиндараҷа доранд, чунки аз рӯи нишондиҳандаҳои пешниҳод намудаи Бонки ҷаҳонӣ, ҳамасола муҳоҷирон ба ватани худ маблағҳои калони пулиро равон мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирон яке аз сарчашмаҳои афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, дар ҳолати ҷорӣ намудани сиёсати самараноки муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои вобаста ба таҳлили назариявии мафҳум ва моҳияти муҳоҷират баҳсталаб боқӣ мондааст. Мавҷудияти маънидодкунии гуногунии таърифи муҳоҷират, мавқеи олимон ва роҳу равишҳои тадқиқот муҳиммияти мавзӯъ ва зарурияти интихоби мавзӯъро тақозо менамоянд.

Шеров Шодиҷон Салуматшоевич соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси менеҷменти сиёсӣ хатм намудааст. Солҳои 2017 инҷониб аспиранти ғоибхони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинов Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аз рӯи ихтисоси 23.00.04-масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳони ва минтақавӣ таҳсил карда истодааст. Аз сентябри соли 2019 ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Шеров Шодиҷон Салуматшоевич худро ҳамчун муҳаққиқи ҷавону серғайрат нишон дода кӯшиш менамуд, ки ақидаҳои илмии худро мустақилона амали гардонад. Аз ин рӯ, корҳои иҷрогадида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Тадқиқоти гузуронидаи ӯ, дорои низоми фазияҳои гуногун, нигоҳи васеъ, сатҳи дараҷаи илмии хосаи муайян буда, он фарогири натиҷаҳои асосии тадқиқот гардидааст. Ҷанбаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-назарявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп омадаанд.

Бинобар ин, диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич илман асоснокшуда ва ба охиррасида ба ҳисоб рафта, муҳимияти назарявӣ ва амалии масъалаҳои воқеии сиёсии муҳоҷирати меҳнати миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия буда, натиҷаи баррасии тадқиқоти илмии муаллиф

мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзӯи мазкур, сатҳу сифати тадқиқотҳои илмӣ-назарявӣ ва навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсия пурра ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқ буда ва ба ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия Шеров Шодиҷон Салуматшоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04-масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди ҷаҳони минтақавӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ, д.и.с., мудири шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Искандаров А.**

**Имзои д.и.с., Искандаров А-ро таздиқ менамоям**

**Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ** **Кучарова Б.**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи «Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ**

Муҳоҷират имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил гардида, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ба тараққиёти наборобарии мамлакатҳои дунё вобастааст, ки аҳолии мамлакатҳои сустинкишофёфта рӯ ба мамлакатҳои тараққикарда меоранд. Омилҳои асоси ин зуҳурот дар ин аст: фарқияти калони сатҳи маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ мебошад. Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар мамлакат мушоҳида кунем, бузургтарин ҷараён ин муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат бо кор қодир нест. Пас барои истифодаи нерӯи худ аҳолии қобили меҳнат ба бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ рӯ меорад.

Раванди муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан дар охирҳои асри XX дар баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ гардид, ки тадриҷан дар миёни тамоми аҳолӣ паҳн шудааст. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ низ тавассути роҳхатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд, ки ин муҳоҷирони дохилӣ маҳсуб мегардид. Тибқи омори Хадамоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол тақрибан шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ бештар аз 600 ҳазорро ташкил медиҳад. Бино ба маълумоти омори муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба Федератсияи Россия (96%), пас аз он ба Қазоқистон (2,5%) ва боқӣ ба Қирғизистон, Украина, Белороссия, Корея, ИМА ва дигар кишварҳо. (1,5%) ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд.

Мубрамияти мавзӯъ боз дар он ифода мегардад, ки сабаби асосии тақвияти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ин сатҳи пасти музди меҳнат дар бозори дохилӣ нисбат ба бозори меҳнатии хориҷӣ мебошад. Ҳамаи гуфтаҳои дар боло хусусияти актуалии интихоби мавзӯи тадқиқшавандаро тақозо менамоянд.

Шеров Шодиҷон Салуматшоевич соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси менеҷменти сиёсӣ хатм намудааст. Солҳои 2017 инҷониб аспиранти ғоибхони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинов Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон , аз рӯи ихтисоси 23.00.04-масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таҳсил карда истодааст. Аз сентябри соли 2019 ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Шеров Шодиҷон Салуматшоевич худро ҳамчун муҳаққиқи ҷавону серғайрат нишон дода кӯшиш менамуд, ки ақидаҳои илмии худро мустақилона амали гардонад. Аз ин рӯ, корҳои иҷрогадида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Тадқиқоти гузуронидаи ӯ, дорои низоми фазияҳои гуногун, нигоҳи васеъ, сатҳи дараҷаи илмии хосаи муайян буда, он фарогири натиҷаҳои асосии тадқиқот гардидааст. Ҷанбаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-назарявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп омадаанд.

Бинобар ин, диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич илман асоснокшуда ва ба охиррасида ба ҳисоб рафта, муҳимияти назарявӣ ва амалии масъалаҳои воқеии сиёсии муҳоҷирати меҳнати миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия буда, натиҷаи баррасии тадқиқоти илмии муаллиф мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзӯи мазкур, сатҳу сифати тадқиқотҳои илмӣ-назарявӣ ва навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсия

пурра ба банди 18-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 166-Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, банди 70-и “тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Шеров Шодиҷон Салуматшоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04-масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад

**Роҳбари илмӣ, н.и.с., Директори муасисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли ахолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”** **Маҳмадбеков М.Ш.,**

**Имзои н.и.с., Маҳмадбеков М.Ш-ро таздиқ менамоям,**

**Сардори шуъбаи кадр** **Рамадонова Р.М.**